# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. ш.Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои интернет нишон медиҳанд, ки бештаре аз роҳбарон ва иштирокчиёни созмонҳои террористию экстремистӣ мардумро ба кирдорҳои хусусияти экстремистидошта даъват намуда, кирдорҳои худ ё дигар шахсони экстремистро сафед менамоянд. Чунин даъватҳо таҳдиди бевосита ба сохти конститутсионӣ ва амнияти миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб мераванд. Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонанд барои ҷомеа, давлат, амният ва субот оқибатҳои ҷиддӣ ва манфӣ дошта бошанд ва чунин оқибатҳои манфиро ба вуҷуд орад, аз ҷумла: паҳншавии зӯроварӣ ва терроризму экстремизм, ифротишавӣ ва таҳдидҳои воқей, барангехтани низоъҳои байналмилалӣ, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, поймол кардани ҳуқуқ ва озодиҳо, аз даст

додани эътимод (боварӣ) ба ҷомеа. Аз ин рӯ, мубориза бо даъватҳои оммавӣ ба экстремизм ва таҳқиқот дар ин соҳа барои нигоҳ доштани амният ва таҳкими ҳамоҳангии иҷтимоӣ муҳим аст.

Таҳлили динамикаи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта ($307^{1}$, $307^{2}$, $307^{3}$ ва $307^{4}$ КҶ ҶТ) дар ҶТ дар давраи солҳои 2010–2024 нишон медиҳад, ки афзоиши назарраси онҳо ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати сифат ба назар мерасад.. Дар тӯли солҳои 2021 - 2023 динамикаи содир намудани ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м.$307^{1}$ КҶ ҶТ) аз ҷиҳати миқдор кам гардидааст. Ин тамоюл гувоҳи самаранокии чораҳои андешидаи давлат дар самти муқовимат бо экстремизм мебошад, аз ҷумла далели баланд гардидани самаранокии тадбирҳои пешгирикунанда ва тақвияти назорат бар паҳншавии андешаҳои радикалӣ аст.

Такмили қонуни ҷиноятӣ дар самти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад чораҳои гуногунро дар бар гирад, ки пешгирӣ ва мубориза бо ин намуди ҷиноияткорӣ самаранoктар бошад. Самтҳои имконпазири беҳтар кардани қонуни ҷиноятӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда шуда метавонанд: коркарди илмии таърифи возеҳи (оммафаҳми) мафҳумҳо, баҳисобгирии фазои маҷозӣ (онлайн), ҳамкории байналмилалӣ, пешгирӣ ва баркарорсозӣ, ҳифзи озодии сухан, ҷалби фаъоли ҷомеа. Чораҳои мазкур метавонанд ба муборизаи пуртаъсир ба муқобили даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мусоидат намуда, муносибати мутаносиб ва қонуниро таъмин кунанд.

Бо назардошти омилҳои зикршуда ва такмили минбаъдаи таркиби ҷинояти даъвати оммавии экстремизм аз мубрамияти мавзуи таҳқиқоти рисолаи номзадӣ далолат мекунанд.

**Дарачаи навгонии натичахо дар диссертатсия ва нуктахои илмие, ки барои химоя пешниход мешаванд.** Тахкикоти диссертатсионии Каримзода Муаззама Мирзокарим аз нуктаи назари масъалагузорӣ, равиши тахкикот, усули баррасӣ ва роххои илмии халли масоили мавчудаи чавобгарии чиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм навгонии чиддӣ дар фазои илми хукукшиносӣ, махсусан, дар сохаи хукуки чиноятии кишвар ба хисоб меравад. Дар раванди тахкикот ӯ аввалин пажӯхиши мукаммали бунёдӣ ва хаматарафаро дар самти тахлили чинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм анчом додааст.

Дар раванди тахкикот масъалахои зерин ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд:

– муайян намудани мафхуми экстремизм хамчун як категорияи хукукӣ ва ичтимоӣ, кушода додани аломатхо ва сарчашмахои хукукии марбут ба он;

– гузаронидани тахлили мукоисавии хукукии конунгузории чиноятии кишвархои узви ИДМ, ки чавобгариро барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307[1] КЧ ЧТ) мукаррар менамояд, бо максади муайян намудани механизмхои самараноки хукукӣ ва имкони татбики онхо дар такмили конунгузории чиноятии Чумхурии Точикистон;

– тахкики аломатхои объективии чиноятe, ки дар м. 307[1] КЧ ЧТ пешбинӣ шудааст, инчунин тахлили таркибхои вазнинтаркунандаи он;

– анчом додани тахлили хукукии чиноятии аломатхои субъективии ин чиноят бо таваччухи махсус ба ангезахои хукуквайронкунандагон, холати рӯхӣ ва максади содир намудани чиноят;

– тахия ва пешниходи механизмхои такмил додани Кодекси чиноятии ЧТ, ки ба баланд бардоштани самаранокии химояи хукукии сохти

конститутсионӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд.

Пешниҳодҳое, ки аз ҷониби Каримзода Муаззама Мирзокарим баён шудаанд, дар заминаи рушди қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалиро касб менамоянд. Дар рисола таърифи мукаммали мафҳуми «экстремизм» пешниҳод гардидааст, ки он дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи назарияҳои доктриналӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ таҳия шудааст. Фарқиятҳо ва равишҳои назариявии пешниҳодшуда дорои асоси илмӣ буда, бо навовариҳо фарқ менамоянд ва ба рафъи холигиҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани дақиқияти ҳуқуқӣ ва ташаккули меъёрҳои ягонаи бандубасти кирдорҳои хусусияти экстремистидошта равона шудаанд. Маҷмӯи ин дастовардҳо ба рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат карда, метавонанд дар раванди такмили заминаи меъёриву ҳуқуқӣ ва татбиқи чораҳои пешгирикунанда нисбат ба ҷиноятҳои экстремистӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар бораи ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд. Асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти

маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия ба он хотир асоснок ва эътимоднокаид, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи ҶТ, КҶ ҶТ, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар ҶТ барои солҳои 2021-2025, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ғ. ба даст омадаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 220 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мавҷуданд, муайян мегарданд. Маҳз ҳамин мушкилот зарурат ва аҳаммияти мавзуи мазкурро таъкид менамоянд. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якум** «Сабабҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм», ки аз ду зербоб иборат буда, дар доираи он масъалаҳои калидии назариявию ҳуқуқӣ ва меъёрие мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ба экстремизм ҳамчун як падидаи

иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ марбут мебошанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба фарқгузории категорияҳои мафҳумӣ, муайян намудани аломатҳои муҳими фаъолияти экстремистӣ ва таҳлили моҳияти ин зуҳурот дар заминаи ҳуқуқи ҷиноятӣ равона гардидааст. Таҳқиқот бар асоси омӯзиши муқоисавии муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равишҳои илмие, ки дар доираи доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул ёфтаанд, анҷом дода шудааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки зарурати таҳия ва татбиқи меъёрҳои ягонаи бандубасти ҳуқуқии зуҳуроти экстремистиро асоснок намояд, норасоиҳои мавҷударо дар қонунгузории амалкунанда ошкор ва тафсири илми асоснокеро пешниҳод кунад, ки ба дақиқ ва самаранок гардидани ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат намоянд.

Аз ҷумла, муаллиф дар боби мазкур қайд менамояд, ки таҳлили илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, илмҳои сиёсатшиносӣ, диншиносӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ гувоҳи он аст, ки то ҳол мафҳуми ягонаи умумиэътирофшудаи экстремизм дар арсаи ҷаҳон вуҷуд надорад. Бинобар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф мафҳуми экстремизмро аз се нуқтаи назар, яъне илм, санадҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва хулосабарорӣ намудааст (саҳ. 28-29 диссертатсия).

Муаллиф дар доираи боби мазкур баён медорад, ки экстремизм - ин таъсиррасонӣ ба мафкура, ақидаҳо ва ҳадафҳои ниҳоят радикалӣ асосёфта, ки ноил шудан ба онҳо асосан бо усулу воситаҳои ғайриқонунӣ сурат мегирад (масалан, барангехтани кинаю адовати динӣ (мазҳабӣ), нажодӣ, миллӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, маҳалгароӣ барангехтани шӯришҳои мусаллаҳона ва ғ.). Вобаста ба нишонаҳои экстремизм муаллиф чунин ҳолатҳоро қайд кардааст: аввалин аломати сохти таркибии экстремизм зарурати омӯзиши ин ниҳод ҳамчун ҳолати муайяни динамикӣ тағйирёбандаи муборизаи сиёсӣ мебошад. Аломати дуюм, бояд номгӯи мукаммали соҳаҳоеро (сиёсӣ, динӣ, ҷамъиятӣ,

миллӣ, иқтисодӣ ва ғ.), ки мавриди ҳамлаҳои экстремистӣ қарор мегиранд, муайян намояд. Аз нуқтаи назари ӯ, ин соҳаҳое мебошанд, ки ба таъмини амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти муътадили сохти конститутсионӣ, инчунин сулҳу амнияти башарият нигаронида шудаанд. Аломати сеюм, ангезаи содир намудани ҷиноятро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, бояд ангезаҳои сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ баррасӣ шаванд. Аломати чоруми экстремизм зиддиҳуқуқӣ будани он аст (саҳ. 59 диссертатсия).

Дар ин боб, инчунин масъалаҳои таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мутобиқи қонунгузории кишварҳои аъзои ИДМ баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф зарурати таҳия ва татбиқи консепсияи амнияти кибериро дар доираи кишварҳои ИДМ барои мубориза ба ҷалб ва таблиғоти гурӯҳҳои экстремистӣ тавассути шабакаи Интернет асоснок менамояд. Ба ақидаи муаллиф, бояд низоми ягонаи «Киберсипари ИДМ» таъсис дода шавад. Дар маҷмуъ, ба назар мерасад, ки давлатҳои узви ИДМ барои коҳиш додани фаъолияти ифротгароии мазҳабӣ дар ин минтақа бояд тадбирҳои пешгирикунанда андешанд, ки барои ҷавонон ва дигар табақаҳои осебпазири аҳолӣ фароҳам овардани шароити мусоид ва самарабахши иҷтимоӣ - иқтисодӣ, дастгирии фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади муттаҳидсозӣ, ҳамоҳангсозӣ ва рушди ҷомеаҳое, ки масунияти қавӣ нисбати равандҳои харобиовар ва қобилияти муқовимат ба ақидаҳои радикалии онҳо доранд. Дар робита ба сатҳи байнидавлатӣ, зарур аст, ки эътимоди мутақобиларо дар кишварҳои ИДМ боз ҳам афзоиш дода, механизмҳои стратегияи муштараки дарозмуддати таҳияшудаи дастаҷамъӣ дар мубориза бо ифротгароии динӣ таҳия ва такмил дода шаванд (саҳ. 81 диссертатсия).

Муаллиф дар доираи боби мазкур инчунин баён медорад, ки даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар Кодекси ҷиноятии Қазоқистон, Қирғизистон, Ўзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон ва Беларус ҳамчун таркиби мустақил мавҷуд нест. Ин ҳолат метавонад аз ҷониби экстремистони дигар давлатҳо, ки дар қонунгузории кишварашон даъвати оммавӣ барои фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии он ҷиноят эътироф гардидааст, ҳамчун роҳи гурез аз ҷавобгарии ҷиноятӣ истифода шавад. Набудани ин меъёр дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои мазкур хатарҳои эҳтимолии интиқоли фаъолиятҳои экстремистиро ба қаламрави онҳо афзоиш дода, имконияти ҷалби афрод ба гурӯҳҳои ифротиро тавассути тарғибот ва таблиғоти ошкоро зиёд мекунад. Аз ин рӯ, зарурати ҳамоҳангсозии қонунгузориҳои миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва таҳкими чораҳои ҳуқуқӣ барои пешгирии ин амалҳо беш аз пеш муҳим мегардад (саҳ. 81 диссертатсия). Дар қонунгузории ҷиноятии Қазоқистон, Қирғизистон, Ўзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон ва Беларус даъвати оммавӣ ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии чунин амалҳо ҳамчун таркиби алоҳидаи ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст. Ин вазъият метавонад заминаеро фароҳам созад, ки экстремистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар канор монанд. Ин холигии ҳуқуқӣ на танҳо имкони фаъолиятҳои экстремистиро дар кишварҳои номбурда зиёд менамояд, балки ба самаранокии талошҳои байналмилалӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм таъсири манфӣ мерасонад. Таҳлили КҶ Қазоқистон, Қирғизистон, Ўзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон, Арманистон, Туркманистон, Федератсияи Россия ва Беларус нишон дод, ки дар он сафедкунии экстремизм ҳамчун ҷиноят ба ҳисоб намеравад. КҶ ҶТ дар ин масъала пешсаф мебошад (саҳ. 82 диссертатсия).

**Дар боби дуюми** ин таҳқиқот «Таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии унсурҳои таркиби ҷиноятии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» масъалаҳои унсурҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти баррасишаванда таҳлил карда шудааст.

Муаллиф ба он ишора менамояд, ки то ҳол дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар масъалаи мазкур афкори ягона дида намешавад. Диссертант категорияҳои «ҳокимияти давлатӣ», «асосҳои сохти конститутсионӣ» ва «амнияти давлат» - ро ҳамчун объектҳои хелӣ ва намудӣ баррасӣ намуда, мафҳумҳои онҳоро низ пешниҳод намудааст. Объекти бевоситаи даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бахри устувор нигоҳ доштани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, фаъолияти мӯътадили ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи сохтори конститутсионӣ равона шудаанд (саҳ. 111 диссертатсия)

Муаллиф дар ин боб кирдорҳои таркиби тарафи объективии м. $307^1$ КҶ ҶТ - ро баррасӣ намудааст. Муаллиф чунин мешуморад, ки тарафи объективии м. $307^1$ КҶ ҶТ амалҳоеро дарбар мегирад, ки дар шакли амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм зоҳир мегардад, инчунин ӯ ба тавсеа ва дарки назариявии мафҳумҳои калидӣ, аз ҷумла «фаъолияти экстремистӣ» ва «даъвати оммавӣ» таваҷҷуҳи хоса намудааст. Бо дарназардошти аҳамияти марказии ин мафҳумҳо барои ташаккули таркиби ҷиноят, набудани таърифи дақиқ ва илмӣ асоснокии онҳо метавонад таҳлили ҳамаҷониба ва объективии табиати ҳуқуқии кирдорро душвор гардонад ва татбиқи дурусти қонунро дар амалия ва тафсири ҳуқуқӣ халалдор намояд. Аз ин рӯ, муаллиф бар он аст, ки тафриқасозии консептуалӣ ва муқаррар намудани муҳтавои равшану дақиқи мафҳумҳои зикршуда ҳамчун заминаи методологии зарурӣ барои ташкили

модели самараноки ҳуқуқи ҷиноятии муқовимат бо экстремизм хизмат мекунад.

Таҳти мафҳуми даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ чунин ҳаракате фаҳмида мешавад, ки он ба шуур ва иродаи (психология) одамон таъсири фаъолона (мақсаднок) расонидан бо тафаккури онҳо содир намудани ҳаракатҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки ҳамчун фаъолияти экстремистӣ бандубаст мегарданд, ба монанди тавассути зӯрӣ сарнагун кардан ва ё тағйир додани сохтори конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҶТ, амалҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти ҶТ равона шудаанд; амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокимият равона шудаанд ва дигар ҳаркатҳое, ки бо фаъолияти экстремистӣ алоқамандaнд, мебошад. Шакли даъват (шифоҳӣ (суханронӣ дар ҳамоиш, хаттӣ (нашри рӯзномаҳо, часпонидани овезаҳо), бо истифода аз воситаҳои электронӣ) барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад, ба истисноси қ.2 м.307[1] КҶ ҶТ, ки содир намудани ин ҷиноятро бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет талаб мекунад (саҳ. 156 диссертатсия). Сафедкунии экстремизм - ин раванд ё амали изҳори дастгирии ғояҳо, ҳадафҳо, таҷриба ё усулҳои гурӯҳҳо ё ташкилотҳои экстремистӣ мебошад. Сафедкунии экстремизм метавонад намудҳои гуногуни дастгирӣ, аз қабили изҳороти оммавӣ, навиштани матнҳо, паҳн кардани мавод, иштирок дар чорабиниҳо ва ғ. - ро дар бар гирад (саҳ. 157 диссертатсия).

Дар ин боб муаллиф инчунин ба масъалаи субъекти чиноят ва тарафи субъективии ҷиноят диққати махсус додааст. Муаллиф чунин иброз менамояд, ки субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад шахси воқеии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида бошад. Дар баъзе мавридҳо субъекти ҷинояти мазкур метавонад махсус бошад, ба монанди

хатибон ва ноибони хатибон, шахсони масъули ВАО. Бо вуҷуди ин, як тавзеҳи муҳим сазовори таваҷҷуҳ аст: дар як катор ҳолатҳо шахси ҷинояткор хусусиятҳои махсуси сифатӣ касб менамояд, ки бо мақоми касбӣ, иҷтимоӣ ё мансабии ӯ алоқаманд мебошанд. Зикри хатибон, намояндагони дигар ниҳодҳои рӯҳонӣ ва шахсони масъули воситаҳои ахбори омма ҳамчун субъектони эҳтимолии ин навъи кирдор, асоси воқеии криминологӣ ва амалӣ дорад. Бояд зикр кард, ки шомил намудани ин категорияи шахсон ба ҳайати субъектии ҷиноят на аз лиҳози мақоми расмии онҳо, балки аз мавқеи дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятии амалашон асоснок шуморида мешавад. Аз ҳамин сабаб, дар ҳолатҳои алоҳида, қонунгузор ё амалияи татбиқи қонун метавонанд чунин мақомҳоро ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ё нишонаи бандубастшавандаи ҷиноят баррасӣ намоянд.

Тарафи субъективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм танҳо дар қасди бевосита ифода мегардад. Яъне, шахс дарк менамояд, ки ба таври оммавӣ шахсонро барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва (ё) сафедкунии оммавии экстремизм даъват намуда истодааст ва хоҳони содир шудани чунин кирдор мебошад. Мақсади даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад гуногун бошад ва аз ангезаҳои субъекти чунин даъват вобаста бошад. Дар ҳеҷ сурат, даъватҳои экстремистиро ҳамчун як категорияи ягона ва ҷудогона баррасӣ кардан мумкин нест, зеро онҳо метавонанд бо ангезаҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ, бегонапарастӣ ва нажодпарастӣ, эҷоди фишори ҷамъиятӣ, барангехтани низоъ, сӯистифода аз ноустувории ҷамъиятӣ, таъсири психологӣ, ҷалби ҷонибдорони нав ё идеологӣ дастгирӣ карда шаванд (саҳ. 180 диссертатсия).

Хулоса аз 15 банди аҳаммияти назариявӣ дошта ва 4 банди ба такмили қонунгузорӣ равонашуда иборат мебошад.

Дар хулосаи таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, зарурати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Дар хулоса пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати беҳтар намудани моддаи 307 [1] – и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Хулосаҳои таҳқиқот заминаи назариявию амалиро барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фароҳам оварда ва ба беҳтар шудани сатҳи асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат мусоидат карда метавонад.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ҳамчун ҷиноят, иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар ҶТ бо назардошти ҳифзи муносибатҳои таъмини амнияти давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, бахусус, амнияти миллӣ, амнияти давлатӣ, ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудудӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» ва ғ. гарданд, дар амалия тартиби дуруст бандубаст кардан ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои экстремистӣ, бахусус, даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дуруст танзим карда шаванд, фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиққунии судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дигар истифода гарданд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта», «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат» аҳаммияти калон доранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуқтаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 20 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар диссертатсия муаллиф чунин менависад: «Пешниҳод мешавад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии таҳияшавандаи СММ мафҳуми экстремизм бо назардошти амалҳои зерин танзим карда шавад: ғасби зӯроваронаи ҳокимият ё нигоҳ доштани ҳокимият тавассути зӯроварӣ, тағйири сохтори конститутсионии давлат бо истифода аз зӯроварӣ, вайрон намудани амнияти ҷамъиятӣ тавассути амалҳои зӯроварона, ташкил намудани воҳидҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ва иштироки фаъол дар онҳо» (саҳифаи 52). Чунин пешниҳоди муаллиф баҳснок мебошад, зеро дар мафҳуми экстремизм ҷой кардани кирдорҳое, ки ҳамчун фаъолияти экстремистӣ баромад мекунанд, номумкин аст. Шарҳи муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

2. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар ҶТ зарурияти қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи амнияти киберӣ» қабул карда шавад (саҳифаи 58). Сабабҳои объективии қабули ин қонун чандон дар сатҳи диссертатсия матраҳ карда нашудааст. Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки асос барои қабули чунин қонунро шарҳ диҳад.

3. Муаллиф дар пешниҳоди 4 чунин менависад, ки «Таҳти мафҳуми даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ чунин ҳаракате фаҳмида мешавад, ки он ба шуур ва иродаи (психология) одамон таъсири фаъолона (мақсаднок) расонидан бо тафаккури онҳо содир намудани ҳаракатҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки ҳамчун фаъолияти экстремистӣ бандубаст мегарданд». Дар инҷо саволе ба миен меояд, ки агар чунин кирдор

ба шуур ва иродаи (психология) одамон таъсири фаъолона (мақсаднок) нарасонад, пас кирдор чи тавр бояд бандубаст карда шавад?

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Абдуҳамитов В.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734064, ш. Душанбе, н. Сино, куч. Б.Ғафуров, 21
Тел: (+992) 93-581-93-18
E-mail: valijon05@mail.ru

Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
Славянин Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи Славянин Россия ва Тоҷикистон
734025, ш. Душанбе, куч. М.Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru www.rtsu.tj .

«19» октябри 2025сол